Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо суроғаи ш.Душанбе, 734067, кӯчаи Нахимов, 64/14

## ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Раҳмонов Зафарҷон Абдусамадович дар мавзуи «Ташаккул ва рушди бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.

Дар таҳқиқоти илмии худ унвонҷӯ дуруст қайд намудааст, ки рушди устувор ва самарабахши иқтисодиёт бе ташаккули муносиби бозори маҳсулотҳо ва хизматрасониҳои бонкӣ, ки ба талаботи истеъмолкунандагон мувофиқанд ва онҳоро қонеъ менамоянд, имкон надорад. Зеро, пешниҳоди маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкии дастрас ва бехавф аз ҷониби муассисаҳои бонкӣ ба истеъмолкунандагон (субъектҳои хоҷагидорӣ ва аҳолӣ) заминаи фаъолияти самарабахши онҳо мебошад. Бешубҳа, агар низоми бонкӣ вазифаҳои худро ба таври муносиб иҷро карда натавонад, яъне талаботи рӯзмарраи мизоҷон ба маҳсулоти бонкӣ қонеъ гардонида нашавад, он гоҳ хавфҳои иқтисодӣ афзуда, вазъи молиявии тамоми субъектҳои иқтисодие, ки бо бонкҳо робитаи зич доранд, бад мешавад ва хатари муфлисшавиашон ба миён меояд.

Тайи солҳои охир дар аксари кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушкилотҳои сохтори бонкӣ дар самти иҷрои вазифаҳои худ ва номукаммалӣ дар пешниҳоди махсулоти бонкӣ ба назар мерасад. Он дар пурра қонеъ накардани талаботи субъектҳои хоҷагидорӣ ба хизматрасониҳои бонкӣ ифода меёбад. Масалан, дар бозори маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкӣ метавон фоизи нисбатан баланди қарзҳоро мушоҳида кард. Вобаста ба ин қайд кардан зарур аст, ки ташаккул ва рушди бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз механизмҳои асосии ташкили муҳити рақобат дар сатҳи иқтисодиёт маҳсуб ёфта, ба воситаи ин метавон сатҳи ҳавасмандии низоми бонкиро барои бо нархи арзон пешниҳод намудани амалиёт ва хизматрасониҳо зиёд намояд. Аз дигар тараф ташкили бонкдории исломӣ имкон медиҳад, ки сатҳи ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ дар кишвар афзоиш ёфта, бо ин роҳ маблағгузорӣ

ба бахши воқеиии иқтисодиёт дар заминаи шариати ислом афзоиш ёбад. Вобаста ба ин қайд кардан зарур аст, ки дар автореферат аз тарафи унвонҷӯ як қатор таҳлилҳои ҳадафрас анҷом гардидааст, ки моҳияти илмӣ ва амалии рисоларо дар сатҳи зарурӣ инъикос менамояд. Новобаста аз оне, ки дар автореферати унвонҷӯ муваффақиятҳо зиёд аст, боз беҳтар мегардид агар унвонҷӯ ба масъалаҳои зерин аҳамияти аввалиндараҷа медод:

1. Роҳҳои такмили низоми бонкдории исломиро дар шакли нақша тасвир мекард;
2. Тарзи осони кушодани равзанаҳои бонкдории исломиро дар дигар бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои амонатии қарзии хурд нишон медод.

Аммо, эродҳои мазкур арзиши илмии кори анҷомёфтаро коста намегардонанд. Чуноне аз автореферати диссертатсия бармеояд, кори Раҳмонов Зафарҷон Абдусамадович дар мавзуи «Ташаккул ва рушди бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, ба талаботи низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Раҳмонов Зафарҷон Абдусамадович сазовори дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

Мудири кафедраи
фаъолияти бонкии ДДТТ
н.и.и., дотсент Ҳалимов Л.М.

Дурустии имзои Ҳалимов Л.М.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати
кадрҳо ва корҳои махсуси ДДТТ Пирзода С.

Суроға. 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ ½, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Тел./Fax: Телефон:+992(37) 234-85-46. E-mail: tguk@tguk.tj